**Қарори**
Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «28» октябри соли 2022, №03 ш. Душанбе

Дар хусуси ворид намудани тағйирот ба ҳайати Шурои олимони Донишгоҳ барои солҳои таҳсили 2022-2024

Шурои олимони Донишгоҳ гузориши раиси Шурои олимони Донишгоҳ Қ.Х. Хушвахтзодаро «Дар хусуси ворид намудани тағйирот ба ҳайати Шурои олимони Донишгоҳ барои солҳои таҳсили 2022 - 2024» шунидаю баррасӣ намуда,

**қарор кард:**

1. Гузориши раиси Шурои олимони Донишгоҳ Қ.Х. Хушвахтзода «Дар хусуси ворид намудани тағйирот ба ҳайати Шурои олимони Донишгоҳ барои солҳои таҳсили 2022 - 2024» ба инобат гирифта шавад.

2. Ба ҳайати Шурои олимони Донишгоҳ барои солҳои таҳсили 2022-2024 ба таври зайл тағйирот ворид карда шавад:

2.1. Солеҳзода Гулнора Давлат – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ бо назардошти ба вазифаи котиби Шурои олимони Донишгоҳ таъин шуданаш ба ҳайати Шурои олимони Донишгоҳ ворид карда шавад.

3. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи раиси Шурои олимони Донишгоҳ Қ.Х. Хушвахтзода вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

Котиби Шуро Солеҳзода Г.Д.

**Қарори**
Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «28» октябри соли 2022, №03 ш. Душанбе

«Дар бораи тасдиқи нақшаи ягонаи
харҷномаи хароҷотии маблағҳои буҷавӣ ва ғайрибуҷавии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар соли 2023»

Шурои олимони Донишгоҳ гузориши раиси Комиссия тафтишоти молиявии назди Шурои олимони Донишгоҳ Ғаффорзода И.Ғ. – ро « Дар бораи тасдиқи нақшаи ягонаи харҷномаи хароҷотии маблағҳои буҷавӣ ва ғайрибуҷавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар соли 2023» дида баромада,

қарор кард:

1. Гузориши раиси Комиссияи тафтишоти молиявии назди Шурои олимони Донишгоҳ Ғаффорзода И.Ғ. «Дар бораи тасдиқи нақшаи ягонаи харҷномаи хароҷотии маблағҳои буҷавӣ ва ғайрибуҷавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар соли 2023» ба инобат гирифта шавад.
2. Бо мақсади боз ҳам самаранок истифода гаштани маблағҳои пулӣ, дуруст ба роҳ мондани вазъ ва ҳолати истифодаи маблағҳои махсус дар соли 2023 тадбирҳо андешида шаванд.
3. Кумакпулиҳое, ки якдафъаина расонида мешаванд, таҳти назорати қатъӣ гирифта шуда, фарқияти тафриқавии пардохти онҳо ба назар гирифта шавад.
4. Сафарҳои илмӣ ва пардохтани сафархарҷҳо мақсаднок ба роҳ монда шавад ва масъулияти садоратҳои факултетҳо, кафедраҳои тахассусӣ баланд бардошта шуда, қабули ҳисоботи онҳо аз рӯйи талаботи муқарраргашта ба роҳ монда шавад.
5. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Хушвахтзода Қ.Х. ва сардори раёсати муҳосибот Хайруллоев С.К. вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

Котиби Шуро Солеҳзода Г.Д.

**Қарори**
Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «28» октябри соли 2022, №03 ш. Душанбе

Оид ба қабул намудани докторант

Шурои олимони Донишгоҳ гузориши муовини ректор оид ба илм ва инноватсия С. М. Сафармамадзодаро дар хусуси ба ҳайси докторант қабул намудани номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих Хуҷасаидова Низорабегим Хушқадамовнаро (дар мавзуи «Решение женского вопроса в годы независимости Республики Таджикистан») шунида муҳокима намуда,

**қарор кард:**

1. Гузориши муовини ректор оид ба илм ва инноватсия С.М. Сафармамадзода дар хусуси ба ҳайси докторант қабул намудани номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих Хуҷасаидова Низорабегим Хушқадамовна ба инобат гирифта шавад.
2. Номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих Хуҷасаидова Н.Х. аз 01.11.2022 то 01.11.2025 (ба муҳлати се сол) ба ҳайси докторанти кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих қабул карда шавад.
3. Мавзуи рисолаи доктории номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих Хуҷасаидова Н.Х. (дар мавзуи «Решение женского вопроса в годы независимости Республики Таджикистан») тасдиқ карда шавад.
4. Мушовири илмии мавзуи рисолаи доктории Хуҷасаидова Н.Х. доктори илмҳои таърих, профессор Зикриёева М.Ф. таъин карда шавад.
5. Ба мудири шуъбаи омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгорӣ супориш дода шавад, ки ҷиҳати амалӣ намудани банди дуюм, сеюм ва чоруми қарори мазкур фармоишро ба ректори донишгоҳ манзур намояд.
6. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини ректор оид ба илм ва инноватсия Сафармамадзода С.М. вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

Котиби Шуро Солеҳзода Г.Д.

**Қарори**
Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «28» октябри соли 2022,  №03  ш. Душанбе

Оид ба қабул намудани докторант

Шурои олимони Донишгоҳ гузориши муовини ректор оид ба илм ва инноватсия С. М. Сафармамадзодаро дар хусуси ба ҳайси докторант қабул намудани номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идоракунии захираҳои инсонии факултети иқтисод ва идора Искандаров Ҳофиз Ҳакимовичро (дар мавзуи «Такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии муассисаҳои олӣ») шунида муҳокима намуда,

**қарор кард:**

1. Гузориши муовини ректор оид ба илм ва инноватсия С.М. Сафармамадзода дар хусуси ба ҳайси докторант қабул намудани номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идоракунии захираҳои инсонии факултети иқтисод ва идора Искандаров Ҳофиз Ҳакимович ба инобат гирифта шавад.
2. Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идоракунии захираҳои инсонии факултети иқтисод ва идора Искандаров Ҳ.Ҳ. аз 01.11.2022 то 01.11.2025 (ба муҳлати се сол) ба ҳайси докторанти кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих қабул карда шавад.
3. Мавзуи рисолаи доктории номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идоракунии захираҳои инсонии факултети иқтисод ва идора Искандаров Ҳ. Ҳ. (дар мавзуи «Такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии муассисаҳои олӣ») тасдиқ карда шавад.
4. Мушовири илмии мавзуи рисолаи доктории Искандаров Ҳ.Ҳ. доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ғаниев Т.Б. таъин карда шавад.
5. Ба мудири шуъбаи омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгорӣ супориш дода шавад, ки ҷиҳати амалӣ намудани банди дуюм, сеюм ва чоруми қарори мазкур фармоишро ба ректори донишгоҳ манзур намояд.
6. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини ректор оид ба илм ва инноватсия Сафармамадзода С.М. вогузор карда шавад.

Раиси Шуро  Хушвахтзода Қ.Х.

Котиби Шуро  Солеҳзода Г.Д.

**Қарори**
Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «28» октябри соли 2022, №03 ш. Душанбе

Дар бораи вазъи фаъолияти синфхонаҳои компютерӣ ва кабинетҳои тахассусии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Шурои олимони Донишгоҳ гузориши сардори Маркази тестӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва таҳсилоти фосилавӣ Р.Асомуддинро «Дар бораи натиҷаи вазъи синфхонаҳои компютерӣ ва кабинетҳои тахассусии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» шунида ва муҳокима намуда,

**қарор кард:**

1. Гузориши сардори Маркази тестӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва таҳсилоти фосилавӣ Р.Асомуддинро «Дар бораи натиҷаи вазъи синфхонаҳои компютерӣ ва кабинетҳои тахассусии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» ба инобат гирифта шавад.

2. Раёсати таълим, сардори Маркази тестӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва таҳсилоти фосилавӣ, садорати факултетҳо, мудирони кафедраҳои тахассусӣ ва умумидонишгоҳӣ вазифадор карда шаванд:

2.1. раванди фаъолияти муътадил ва бемайлони кори синфхонаҳои компютерӣ ва кабинетҳои тахассусии факултетҳои Донишгоҳ ва таъмини саривақтии онҳоро бо маводҳои зарурӣ зери назорат қарор диҳанд;

2.2. баргузории пайвастаи машғулиятҳои дарсӣ, махсусан дарсҳои фанни информатика ва технологияи информатисониро дар синфхонаҳои компютерӣ ва машғулиятҳои дарсии забонҳои русӣ ва хориҷиро дар кабинетҳои лингофонӣ зери назорати бевоситаи хеш қарор диҳанд;

2.3. ҷиҳати таъмини кабинетҳои тахассусӣ ва лингофонӣ бо барномаҳои фаннии тахассусӣ чораҳои мушаххас андешанд;

2.4. садорати факултетҳо, кафедраҳои тахассусӣ ва умумидонишгоҳӣ супориш дода мешвад, ки омӯзгорон аз воситаҳои электронӣ, видеопроекторҳо ва асбобҳои аёнӣ дар равиши дарс истифода намоянд.

3. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим Собирзода Н.А. ва муовини ректор оид ба масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиёт Қодирзода Ф.А. вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

Котиби Шуро Солеҳзода Г.Д.

**Қарори**

Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «28» октябри соли 2022, №03 ш. Душанбе

Дар бораи фаъолияти
шуроҳои диссертатсионӣ дар соли 2022

Шурои олимони Донишгоҳ ҳисоботи саркотиби илмии шуроҳои диссертатсионӣ З.Г.Ҷӯраеваро «Дар бораи фаъолияти шуроҳои диссертатсионии назди ДМТ дар соли 2022» шунида муҳокима намуда,

**қарор кард**:

1. Ҳисоботи саркотиби илмии шуроҳои диссертатсионӣ Ҷӯраева З.Г. «Дар бораи фаъолияти шуроҳои диссертатсионӣ дар соли 2022» қаноатбахш ҳисобида шавад.
2. Роҳбарони илмӣ, кафедраҳои тахассусӣ ва котиботи шуроҳои диссертатсионӣ вазифадор карда шаванд:
   - ба мазмун ва мундариҷаи рисолаҳои номзадӣ, докторӣ ва доктор PhD аҳамияти асосӣ диҳанд;
   - дар интихоби муқарризон ва маводи чопӣ, ҷойи кор ва ихтисоси онҳо аҳамияти асосӣ диҳанд;
   - диссертатсия, автореферат ва ҳуҷҷатҳои унвонҷӯёнро аз таҳрири ҷиддии забони тоҷикӣ ва русӣ гузаронанд;
   - барои санҷиш ва ташхиси диссертатсия мутахассисони варзидаи соҳавиро ҷалб намоянд;
   - иштироки аъзои шурои диссертатсиониро дар ҷаласаҳои шуро таъмин намоянд.
3. Муовини ректор оид ба илм ва инноватсия Сафармамадзода С.М. вазифадор карда шавад, ки дар якҷоягӣ бо саркотиби илмии шуроҳои диссертатсионӣ Ҷӯраева З.Г. дар ниммаи аввали моҳи ноябри соли 2022 бо раисон ва котибони шуроҳои диссертатсионӣ семинарӣ методӣ ташкил ва баргузор намоянд.
4. Шуъбаи бақайдгирии ҳуҷҷатҳо вазифадор карда шавад, ки қарори мазкурро нусхабардорӣ намуда, ба садорати факултетҳо, кафедраҳои ташахассусӣ, умумидонишгоҳӣ ва котиботи шуроҳои диссертатсионӣ ирсол намояд.
5. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини ректор оид ба илм ва инноватсия С.М.Сафармамадзода вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

Котиби Шуро Солеҳзода Г.Д.

**Қарори**

Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «28» октябри соли 2022, №03 ш. Душанбе

Оид ба дарёфти унвони илмии профессор

Шурои олимони Донишгоҳ гузориши раиси Комиссияи ҳисоби овозҳоро дар бораи дарёфти унвони илмии профессор аз рӯйи ихтисоси: «Тибби профилактикӣ» шунида муҳокима намуда,

**қарор кард:**

1. Протоколҳои №1-2 Комиссияи ҳисоби овозҳои аъзои Шурои олимони Донишгоҳ дар бораи дарёфти унвони илмии профессор аз рӯйи ихтисоси: «Тибби профилактикӣ» аз «28» октябри соли 2022 тасдиқ карда шавад.
2. Ҳуҷҷатҳои номзади зерин ҷиҳати дарёфти унвони илмии профессор барои мувофиқа ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шавад:

- Талабзода Муҳаммадали Сайф - д.и.т., иҷрокунандаи вазифаи профессори кафедраи эпидемиология ва бемориҳои сироятии факултети тиббӣ ҷиҳати гирифтани унвони илмии профессор аз рӯйи ихтисоси «Тибби профилактикӣ».

3. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи ректори Донишгоҳ Хушвахтзода Қ.Х. вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

Котиби Шуро Солеҳзода Г.Д.

**Қарори**
Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «28» октябри соли 2022, №03 ш. Душанбе

Оид ба дарёфти унвони илмии дотсент

Шурои олимони Донишгоҳ гузориши раиси Комиссияи ҳисоби овозҳоро дар бораи дарёфти унвони илмии дотсент аз рӯйи ихтисоси: « Иқтисодиёт» шунидаю муҳокима намуда,

**қарор кард:**

1. Протоколҳои №1-2 Комиссияи ҳисоби овозҳои аъзои Шурои олимони Донишгоҳ дар бораи дарёфти унвони илмии дотсент аз рӯйи ихтисоси: « Иқтисодиёт» аз «28» октябри соли 2022 тасдиқ карда шавад.
2. Ҳуҷҷатҳои номзади зерин ҷиҳати дарёфти унвони илмии дотсент барои мувофиқа ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шавад:
   - Аҳмадов Раҳимҷон Раҷабович - н.и.и., иҷрокунандаи вазифаи дотсенти кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳалии факултети иқтисод ва идора ҷиҳати гирифтани унвони илмии дотсент аз рӯйи ихтисоси «Иқтисодиёт».
3. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи ректори Донишгоҳ Хушвахтзода Қ.Х. вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

Котиби Шуро Солеҳзода Г.Д.

**Қарори**
Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «28» октябри соли 2022, №03 ш. Душанбе

Оид ба дарёфти унвони илмии дотсент

Шурои олимони Донишгоҳ гузориши раиси Комиссияи ҳисоби овозҳоро дар бораи дарёфти унвони илмии дотсент аз рӯйи ихтисоси: « Таърих» шунидаю муҳокима намуда,

**қарор кард:**

1. Протоколҳои №1-2 Комиссияи ҳисоби овозҳои аъзои Шурои олимони Донишгоҳ дар бораи дарёфти унвони илмии дотсент аз рӯйи ихтисоси: « Таърих» аз «28» октябри соли 2022 тасдиқ карда шавад.
2. Ҳуҷҷатҳои номзади зерин ҷиҳати дарёфти унвони илмии дотсент барои мувофиқа ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шавад:

- Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич - н.и.т., иҷрокунандаи вазифаи дотсенти кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърих ҷиҳати гирифтани унвони илмии дотсент аз рӯйи ихтисоси «Таърих».

3. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи ректори Донишгоҳ Хушвахтзода Қ.Х. вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

Котиби Шуро Солеҳзода Г.Д.

**Қарори**
Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «28» октябри соли 2022, №03 ш. Душанбе

Оид ба дарёфти унвони илмии дотсент

Шурои олимони Донишгоҳ гузориши раиси Комиссияи ҳисоби овозҳоро дар бораи дарёфти унвони илмии дотсент аз рӯйи ихтисоси: « Ҳуқуқшиносӣ» шунидаю муҳокима намуда,

**қарор кард:**

1. Протоколҳои №1-2 Комиссияи ҳисоби овозҳои аъзои Шурои олимони Донишгоҳ дар бораи дарёфти унвони илмии дотсент аз рӯйи ихтисоси: « Ҳуқуқшиносӣ» аз «28» октябри соли 2022 тасдиқ карда шавад.

2. Ҳуҷҷатҳои номзади зерин ҷиҳати дарёфти унвони илмии дотсент барои мувофиқа ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шавад:

- Искандари Сулаймон - н.и.ҳ., иҷрокунандаи вазифаи дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносӣ ҷиҳати гирифтани унвони илмии дотсент аз рӯйи ихтисоси «Ҳуқуқшиносӣ».

3. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи ректори Донишгоҳ Хушвахтзода Қ.Х. вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

Котиби Шуро Солеҳзода Г.Д.

**Қарори**
Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «28» октябри соли 2022,                №03                ш. Душанбе

Оид ба «Муқаррар намудани маоши хизматӣ»

Шурои олимони Донишгоҳ аризаҳои ассистентҳои кафедраи забонҳои хориҷии факултети журналистика Баҳромзода Манижаи Зафаршодухт, кафедраи забони русӣ барои ихтисосҳои ғайрифилологии факултети филологияи рус Маджидзода Аноргули Рахмонали ва кафедраи анатомия ва физиологияи паталогӣ бо тибби-судии факултети тиббӣ Ашурова Нигора Саидовна ва котиби илмии Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Солеҳзода Гулнора Давлатро баррасӣ ва муҳокима намуда,

**қарор кард**:

1. Мувофиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №250 аз 1 июли соли 1999 «Дар бораи муқаррар кардани иловапулӣ ба маоши шахсони дорандаи унвони илмӣ ва ҷудо намудани маблағ барои баланд бардоштани андозаи ҳадди ақали подоши хизматии эҷодкорони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба маоши Баҳромзода М.З. (н.и.р. аз 01 июли соли 2022, № 200/дн), Маджидзода А.Р. (н.и.ф. аз 06 октябри соли 2022, № 1103/нк), Ашурова Н.С. (н.и.т. аз 20 июли соли 2022, № 12к/652) ва Солеҳзода Г.Д. (н.и.ҳ. аз 29.10.2021, №289/ди)ба андозаи 30 фоизи маоши хизматӣ муқаррар карда шавад.
2. Ба сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус (Тавқиев Э.Ш.) супориш дода шавад, ки ҷиҳати иҷрои банди якуми қарори мазкур лоиҳаи фармоишро барои ба тавсиб расонидан ба ректор манзур намояд.
3. Сардори раёсати муҳосибот (Хайруллоев С.Қ.) вазифадор карда шавад, ки ҷиҳати иҷрои банди якуми қарори мазкур чораҳои зарурӣ андешад.
4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини ректор оид ба илм ва инноватсия Сафармамадзода С.М. вогузор карда шавад.

Раиси Шуро                                        Хушвахтзода Қ.Х.

Котиби Шуро                                        Солеҳзода Г.Д.

**Қарори**

Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «28» октябри соли 2022,              №03              ш. Душанбе

Оид ба пардохти маблағи омӯзгорони соатбайи Донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Шурои олимони Донишгоҳ гузориши директори Донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Х.М. Мирзамонзода “Дар хусуси пардохти маблағи устодони соатбайи Донишкада”-ро шунида муҳокима намуда,

**қарор кард:**

1. Гузориши директори Донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Х.М.Мирзамонзода “Дар хусуси пардохти маблағи устодони соатбайи Донишкада” ба инобат гирифта шавад.

2. Бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим ва такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, муассисаҳо, таҳсилоти миёнаи касбӣ ва кормандони дигар муассисаҳо пардохти маблағи музди устодони соатбайъ аз суратҳисоби махсуси Донишкада ба тариқи зайл муқаррар карда шавад:

2.1. Ба академик ва узви вобастаи АИ ҶТ барои як соат - 40 сомонию 96 дирам.

2.2. Ба доктори илм – 34 сомонию 79 дирам.

2.3. Ба номзади илм -26 сомонию 15 дирам.

2.4. Ба омӯзгори калон, бе унвон (ба тариқи истисно танҳо барои дарсҳои забонӣ ва шабакавии I Т) - 21 сомонию 96 дирам.

3. Сармуҳосиби Донишкада (Абдуллоева Л.И) вазифадор карда шавад, ки иҷроиши банди дуюми қарори мазкурро таъмин ва назорат намояд.

4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи директори Донишкада Х.М. Мирзамонзода вогузор карда шавад.

Раиси Шуро          Хушвахтзода Қ.Х.

Котиби Шуро          Солеҳзода Г.Д.

**Қарори**

Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «28» октябри соли 2022, №03 ш. Душанбе

Оид ба рухсатии эҷодӣ

Шурои олимони Донишгоҳ аризаи дотсенти кафедраи забони адабии муосири тоҷики факултети филология Абдулазизов В.- ро "Дар хусуси додани рухсатии эҷодӣ бо нигоҳ доштани музди меҳнат аз таърихи 01.09.2022 то 02.02.2023" баррасию муҳокима намуда,

қарор кард:

1. Аризаи дотсенти кафедраи забони адабии муосири тоҷики факултети филология Абдулазизов В. "Дар хусуси додани рухсатии эҷодӣ бо нигоҳ доштани музди меҳнат аз таърихи 01.09.2022 то 02.02.2023" ба инобат гирифта шавад.

2. Ба дотсенти кафедраи забони адабии муосири тоҷики факултети филология Абдулазизов В. аз 01.09.2022 то 02.02.2023 рухсатии эҷодӣ бо пардохти маоши ҳармоҳа дода шавад.

3. Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси донишгоҳ (Э.Ш. Тавқиев) барои амалӣ намудани банди дуюми қарори мазкур лоиҳаи фармоишро ба тавсиб расонидан ба ректор манзур намояд.

4. Сардори раёсати муҳосибот (Хайруллоев С.Қ.) вазифадор карда шавад, ки ҷиҳати иҷрои банди якуми қарори мазкур чораҳои зарурӣ андешад.

5. Дотсенти кафедраи забони адабии муосири тоҷики факултети филология Абдулазизов В. вазифадор карда мешавад, ки ҳисобот оид ба рухсатии эҷодӣ дар моҳи феврал дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳ пешниҳод намояд.

5. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини ректор оид ба илм ва инноватсия С.М.Сафармамадзода вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

Котиби Шуро Солеҳзода Г.Д.

**Қарори**

Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «28» октябри соли 2022,     №03     ш. Душанбе

Оид ба рухсатии эҷодӣ

Шурои олимони Донишгоҳ аризаи муаллими калони кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филология Ҳасанов И.С.- ро "Дар хусуси додани рухсатии эҷодӣ бо нигоҳ доштани музди меҳнат аз таърихи 01.09.2022 то 02.02.2023" баррасию муҳокима намуда,

қарор кард:

1. Аризаи муаллими калони кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филология Ҳасанов И.С. "Дар хусуси додани рухсатии эҷодӣ бо нигоҳ доштани музди меҳнат аз таърихи 01.09.2022 то 02.02.2023" ба инобат гирифта шавад.

2. Ба муаллими калони кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филология Ҳасанов И.С. аз 01.09.2022 то 02.02.2023 рухсатии эҷодӣ бо пардохти маоши ҳармоҳа дода шавад.

3. Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси донишгоҳ (Э.Ш. Тавқиев) барои амалӣ намудани банди дуюми қарори мазкур лоиҳаи фармоишро ба тавсиб расонидан ба ректор манзур намояд.

4. Сардори раёсати муҳосибот (Хайруллоев С.Қ.) вазифадор карда шавад, ки ҷиҳати иҷрои банди якуми қарори мазкур чораҳои зарурӣ андешад.

5. Муаллими калони кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филология Ҳасанов И.С. вазифадор карда мешавад, ки ҳисобот оид ба рухсатии эҷодӣ дар моҳи феврал дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳ пешниҳод намояд.

5. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини ректор оид ба илм ва инноватсия С.М.Сафармамадзода вогузор карда шавад.

Раиси Шуро     Хушвахтзода Қ.Х.

Котиби Шуро     Солеҳзода Г.Д.

**Қарори**
Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «28» октябри соли 2022, №03 ш. Душанбе

Оид ба рухсатии эҷодӣ

Шурои олимони Донишгоҳ аризаи ассистенти кафедраи телевизион ва радиошунавои факултети журналистика Сироҷова Н.Р.- ро "Дар хусуси додани рухсатии эҷодӣ бо нигоҳ доштани музди меҳнат аз таърихи 01.09.2022 то 02.02.2023" баррасию муҳокима намуда,

қарор кард:

1. Аризаи ассистенти кафедраи телевизион ва радиошунавои факултети журналистика Сироҷова Н.Р. "Дар хусуси додани рухсатии эҷодӣ бо нигоҳ доштани музди меҳнат аз таърихи 01.09.2022 то 02.02.2023" ба инобат гирифта шавад.
2. Ба ассистенти кафедраи телевизион ва радиошунавои факултети журналистика Сироҷова Н.Р. аз 01.09.2022 то 02.02.2023 рухсатии эҷодӣ бо пардохти маоши ҳармоҳа дода шавад.
3. Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси донишгоҳ (Э.Ш. Тавқиев) барои амалӣ намудани банди дуюми қарори мазкур лоиҳаи фармоишро ба тавсиб расонидан ба ректор манзур намояд.
4. Сардори раёсати муҳосибот (Хайруллоев С.Қ.) вазифадор карда шавад, ки ҷиҳати иҷрои банди якуми қарори мазкур чораҳои зарурӣ андешад.
5. Ассистенти кафедраи телевизион ва радиошунавои факултети журналистика Сироҷова Н.Р. вазифадор карда мешавад, ки ҳисобот оид ба рухсатии эҷодӣ дар моҳи феврал дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳ пешниҳод намояд.
5. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини ректор оид ба илм ва инноватсия С.М.Сафармамадзода вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

Котиби Шуро Солеҳзода Г.Д.

**Қарори**
Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «28» октябри соли 2022, №03 ш. Душанбе

Оид ба тасдиқ намудани мавзуи рисолаи номзадии унвонҷӯёни кафедраи умумидонишгоҳии ДМТ

Шурои олимони Донишгоҳ гузориши муовини ректор оид ба илм ва инноватсия С.М. Сафармамадзодаро дар хусуси тасдиқи мавзуи рисолаи номзадӣ ва роҳбари илмии унвонҷӯёни кафедраи умумидонишгоҳӣ баррасӣ намуда,

**қарор кард:**

1. Мавзуи рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии педагогика – Зокиров Амонатулло Рамазонович таҳти унвони «Истифодаи технологияи компютерӣ дар раванди омӯзиши математикаи олии муассисаҳои миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ ва роҳбари илмии ӯ номзади илмҳои техникӣ, дотсент Саидзода И.М. таъин карда шавад.

Асос: қарори Шурои методии кафедраи умумидонишгоҳии педагогика аз 25.05.2022 таҳти № 10.

2. Мавзуи рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии педагогика – Сироҷева Шаҳноза Имомовна таҳти унвони «Хусусиятҳои педагогии робитаи фаъоли мустақилона ба инкишофи зеҳнӣ ва нутқи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарси забони модарӣ» тасдиқ ва роҳбари илмии ӯ доктори илмҳои педагогика, профессор Мирзоев А.Р. таъин карда шавад.

Асос: қарори Шурои методии кафедраи умумидонишгоҳии педагогика аз 25.05.2022 таҳти № 10.

3. Мавзуи рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии педагогика – Қурбонова Саида Муҳамадовна таҳти унвони «Ташаккули салоҳияти коммуникатсионии табибони оянда бо воситаи усули интерактивии таълим» тасдиқ ва роҳбари илмии ӯ доктори илмҳои педагогика, профессор Қодиров Б.Р. таъин карда шавад.

Асос: қарори Шурои методии кафедраи умумидонишгоҳии педагогика аз 25.05.2022 таҳти № 10.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ. Х.

Котиби Шуро Солеҳзода Г.Д.

**Қарори**
Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «28» октябри соли 2022, №03 ш. Душанбе

Оид ба ҳисоботи сардори Маркази омӯзиши забонҳои ДМТ

Шурои олимони Донишгоҳ ҳисоботи сардори Маркази омӯзиши забонҳои ДМТ Ҳомидов Дилмурод Раҷабовичро «Дар бораи фаъолияти Маркази омӯзиши забонҳо дар соли 2022» шунида ва баррасӣ намуда,

**қарор кард:**

1. Ҳисоботи сардори Маркази омӯзиши забонҳои ДМТ Ҳомидов Дилмурод Раҷабович «Дар бораи фаъолияти Маркази омӯзиши забонҳо дар соли 2022» қаноатбахш ҳисобида шавад.

2. Сардори Маркази омӯзиши забонҳои ДМТ (Ҳомидов Дилмурод Раҷабович) вазифадор карда шавад:

2.1. муаррифӣ намудан аз фаъолият ва имкониятҳои Марказ дар воситаҳои ахбори омма, сомонаҳои иҷтимоӣ, рекламаҳои беруна, чоп намудани ахборот дар нашрияи «Ба қуллаҳои Дониш», бо мақсади бурдани тарғибу ташфиқот чораҳои зарури андешида шавад;

2.1. барои ба роҳ мондани курсҳои кутоҳмуддати забономӯзӣ ба магистрону докторантони PhD-и хориҷӣ барои фаро гирифтани алифбои кириллии тоҷикӣ ва омӯхтани забони давлатӣ ба муддати то 3 моҳ бо ҳамкории шуъбаҳои магистратура ва докторантураву омодасозии кадрҳои омӯзгории Донишгоҳ чораҳои зарурӣ андешад;

2. 2. барои бештар ҷалб гардидани шунавандагони забономӯз аз хориҷи кишвар корҳои таблиғотиро боз ҳам беҳтар намуда, барои фарогирии теъдоди зиёди забономӯзони хориҷӣ чораҳои зарурӣ андешад;

2.3. курсҳои омӯзиши забонҳои аврупоӣ (англисӣ, русӣ, фаронсавӣ) ба донишҷӯёни Донишгоҳ тибқи муқаррарот, ки амал мекунад, боз тавсеа дода шавад;

2.4. барои ба роҳ мондани курсҳои омӯзиши забонҳои аврупоӣ (англисӣ, русӣ, фаронсавӣ) ба устодони ҷавону унвонҷӯён ва кормандони Донишгоҳ тибқи муқаррарот чораҳои зарурӣ андешад.

3. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ Ғаффорзода И.Ғ. вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

Котиби Шуро Солеҳзода Г.Д.

**Қарори**
Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «28» октябри соли 2022, №03 ш. Душанбе

Дар бораи раванди татбиқи низоми таҳсилоти фосилавӣ ва роҳҳои беҳтар намудани он дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Шурои олимони Донишгоҳ гузориши сардори раёсати таълим С.С.Қосимзодаро «Дар бораи раванди татбиқи низоми таҳсилоти фосилавӣ ва роҳҳои беҳтар намудани он дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» шунида ва баррасӣ намуда,

**қарор кард:**

1. Гузориши сардори раёсати таълим С.С.Қосимзода «Дар бораи раванди татбиқи низоми таҳсилоти фосилавӣ ва роҳҳои беҳтар намудани он дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» ба инобат гирифта шавад.

2. Раёсати таълим, сардори Маркази тестӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва таҳсилоти фосилавӣ, садорати факултетҳо, мудирони кафедраҳои тахассусӣ ва умумидонишгоҳӣ вазифадор карда шаванд:

2.1. банақшагирии раванди таълимро дар низоми таҳсилоти фосилавӣ вобаста ба талаботи Стандарти давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Низомномаи таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва мутобиқи барномаҳои таҳсилотӣ ва нақшаҳои нави таълимии ихтисосҳои роиҷи донишгоҳӣ ба роҳ монанд;

2.2. мутобиқи талаботи барнома ва нақшаҳои таълимии ихтисосҳо таҳияи маводи таълимию методӣ, аз ҷумла китобҳои дарсӣ, дастуру васоити таълимӣ, барномаҳои таълимӣ, силлабус ва матни лексияи омӯзгоронро дар шакли хаттӣ ва электронӣ ба роҳ монда, таҳия ва барои тасдиқ ба Шурои илмию методии Донишгоҳ пешниҳод намоянд;

2.3. давомоти донишҷӯёни шакли таҳсили фосилавиро ба машғулиятҳои дарсии ҳузурӣ таъмин ва аз натиҷаи он то санаи 30.12.2022 ба Раёсати Донишгоҳ гузориш манзур созанд;

2.4. муҳлати ворид кардани маводро аз тарафи омӯзгорон танҳо дар асоси ҷадвали аз ҷониби раёсати таълим тасдиқгардида ба роҳ монда шавад;

2.5. ҷиҳати таъсиси гурӯҳи корӣ бо мақсади мукаммалсозӣ, таҷдиди назар намудани барномаи раванди таълимӣ, барномаи амалкунандаи низоми таҳсилоти фосилавӣ ва таҳияи шаклҳои гуногуни тестҳо аз ҳисоби барномасозон ва машваратчиён ба Раёсати Донишгоҳ пешниҳод манзур созанд;

2.6. риояи бандҳои ороиши курс, яъне шарҳи мавқеи фан, маълумот дар бораи омӯзгор, соатҳои пазироӣ дар сомона, саволномаи тестӣ, китоб (то ҳадди имкон), лексия, презентатсия, ташкил кардани чат

(муколама), глоссарий барои омӯзонидани луғатҳо, гиперистинод (гиперссылка – барои тавсияи сомонаҳои омӯзишӣ) ва рӯйхати корҳои мустақилонаро аз ҷониби омӯзгорон зери назорати ҷиддӣ қарор диҳанд;

2.6. ба донишҷӯёне, ки аз рейтингу имтиҳонҳо қарздор мондаанд, пас аз пардохт намудани маблағи кредит имконияти супоридани рейтингу имтиҳонҳоро тавассути барномаи низоми таҳсилоти фосилавӣ бо нишон додани муҳлати муайян иҷозат диҳанд;

2.7. корҳои мустақилонаи донишҷӯро, ки ҳамчун фаъолияти мустақилона аз худ намудани маводи таълимӣ аз ҷониби донишҷӯ муқаррар карда шудааст ва ба таври фосилавӣ ба роҳ монда шудааст, зери назорати бевоситаи омӯзгор дар шакли иҷро намудани маҷмӯи вазифаҳои хонагӣ, супоришҳои тестӣ, навиштани реферат, эссе ва муаррифии маводи ҷамъоварда дар ҳафтаҳои таълими назариявии як даври академӣ ба роҳ монад;

2.8. ҷиҳати самаранок ташкил намудани раванди таълим баргузории курсҳои муқаддимавӣ оид ба истифодаи технологияи таҳсилоти фосилавӣ то оғози даври академии якум ба муҳлати то як ҳафта, бо донишҷӯёни соли аввали таҳсил ташкил ва баргузории онро зери назорати бевоситаи худ қарор диҳанд;

2.9. низоми назорат ва баҳодиҳӣ ба натиҷаи корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор (дарсҳои лексионӣ ва корҳои ғайриаудитории фосилавӣ) ва корҳои мустақилонаи донишҷӯён (корҳои ғайриаудитории фосилавӣ)-ро пурра бо истифода аз барномаи электронии идоракунии раванди таълим ба роҳ монанд;

2.10. ба донишҷӯён барои гузаштани таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ, омӯзгорӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ, ки тибқи талаботи стандарти давлатии таълимии ихтисосҳо ва нақшаҳои таълимӣ ба нақша гирифта шудаанд, шароит фароҳам созанд.

3. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим Собирзода Н.А. вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

Котиби Шуро Солеҳзода Г.Д.

**Қарори**
Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «28» октябри соли 2022, №03 ш. Душанбе

Дар бораи эълони озмуни ишғоли вазифа
дар кафедраҳои тахассусӣ ва умумидонишгоҳии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Шурои олимони Донишгоҳ гузориши сардори раёсати таълим С.С.Қосимзодаро «Дар бораи эълони озмуни ишғоли вазифа дар кафедраҳои тахассусӣ ва умумидонишгоҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» шунида ва муҳокима намуда,

**ҚАРОР КАРД:**

1. Гузориши сардори раёсати таълим С.С.Қосимзода «Дар бораи эълони озмуни ишғоли вазифа дар кафедраҳои тахассусӣ ва умумидонишгоҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» ба инобат гирифта шавад.

2. Дар кафедраҳои зерини Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ишғоли вазифа ба таври зайл озмун эълон карда шавад:

2.1 вазифаи мудири кафедра барои кафедраҳои геометрия ва методикаи таълими математика, алгебра ва назарияи ададҳо, моделсозии математикӣ ва компютерӣ, математикаи олии факултети механикаю математика, физикаи ҳаста, оптика ва спектроскопияи факултети физика, химияи таҳлилии факултети химия, ботаникаи факултети биология, гидрогеология ва геологияи муҳандисӣ, минералогия ва петрография, химияи фарматсевтӣ ва идоракунии иқтисодиёти фарматсевтӣ, фармакокнозияи факултети фарматсевтӣ, эпидемиология ва бемориҳои сироятӣ, терапия, анатомияи одам, ҷарроҳии 1, ҷарроҳии 2, тибби оилавии факултети тиббӣ, забонҳои хориҷии факултети забонҳои Осиё ва Аврупо, муносибатҳои байналхалқии факултети муносибатҳои байналхалқӣ, таърихи нав ва навини кишварҳои хориҷӣ, таърихи халқи тоҷики факултети таърих, сиёсатшиносӣ, онтология ва назарияи маърифат, диншиносӣ, равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони факултети фалсафа, тарҷума ва муоширати байнифарҳангӣ, забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии факултети филологияи рус, журналистикаи байналхалқии факултети журналистика, ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи байналхалқӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносӣ, иқтисодиёти ҷаҳонӣ, молия ва суғуртаи факултети молиявию иқтисодӣ, баҳисобгирии бухгалтерӣ, омори факултети баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамӣ ва кафедраҳои умумидонишгоҳии фалсафа, забони англисӣ, забонҳои олмониву фаронсавӣ, педагогика ва тарбияи ҷисмонӣ (аз

ҷумлаи омӯзгорони дорои дараҷа ва унвони илмии доктори илм, профессор ва номзади илм, дотсент);

2.2. вазифаи профессори кафедра барои кафедраҳои таърихи забон ва типология (1 ҷой), забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷик (1 ҷой), таърихи адабиёти тоҷик (1 ҷой)-и факултети филология, забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавӣ (1 ҷой)-и факултети филологияи рус, таҳлили иқтисодӣ ва аудит (1 ҷой)-и факултети баҳисобгирӣ ва иқтисодӣ рақамӣ, информатика (1 ҷой)-и факултети механикаю математика, биохимия (1 ҷой)-и факултети биология, идоракунии молияи давлатӣ (1 ҷой)-и факултети молиявию иқтисодӣ, матбуот (2 ҷой), журналистикаи байналхалқӣ (1 ҷой)-и факултети журналистика, муносибатҳои байналхалқӣ (1 ҷой)-и факултети муносибатҳои байналхалқӣ, ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ (1 ҷой), ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ (1 ҷой)-и факултети ҳуқуқшиносӣ (аз ҷумлаи омӯзгорони дорои дараҷаи илмии доктори илм).

2.3. вазифаи дотсенти кафедра барои кафедраҳои алгебра ва назарияи ададҳо (1 ҷой), моделсозии математикӣ ва кампютерӣ (1 ҷой), методикаи таълими математика ва геометрия (1 ҷой), технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ (1 ҷой), информатика (1 ҷой)-и факултети механикаю математика, метеорология ва климатология (2 ҷой), методикаи таълими физика (1 ҷой), физикаи назариявӣ (1 ҷой)-и факултети физика, технологияи истеҳсолоти химиявӣ (1 ҷой), химияи татбиқӣ (2 ҷой), химияи физикӣ ва коллоидӣ (2 ҷой)-и факултети химия, биохимия (1 ҷой), физиологияи растаниҳо (1 ҷой)-и факултети биология, геология ва менеҷменти маъдану техника (2 ҷой), гидрогеология ва геологияи муҳандисӣ (1 ҷой), геология ва иктишофи конҳои канданиҳои фоиданок (1 ҷой)-и факултети геология, баҳисобгирии бухгалтерӣ (1 ҷой), омор (2 ҷой), кибернетика ва иқтисоди рақамӣ (1 ҷой), системаи иттилоотӣ дар иқтисодиёт (1 ҷой), таҳлили иқтисодӣ ва аудит (3 ҷой)-и факултети баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамӣ, идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (1 ҷой), иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ (1 ҷой), иқтисодиёти миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ (2 ҷой), менеҷмент ва маркетинг (1 ҷой)-и факултети иқтисод ва идора, идоракунии молияи давлатӣ (1 ҷой), молия ва суғурта (3 ҷой), кори бонкӣ (2 ҷой), иқтисодиёти ҷаҳонӣ (2 ҷой), андоз ва андозбандӣ (2 ҷой)-и факултети молиявию иқтисодӣ, матбуот (1 ҷой), телевизион ва радиошунавонӣ (1 ҷой)-и факултети журналистика, методикаи таълими забон ва адабиёти рус (2 ҷой), забони русӣ (1 ҷой)-и факултети филологияи рус, забонҳои хориҷӣ (2 ҷой)-и факултети забонҳои Осиё ва Аврупо, таърихи адабиёти тоҷик (1 ҷой), назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ (1 ҷой)-и факултети филология, дипломатия ва сиёсати хориҷӣ (1 ҷой), минтақашиносии хориҷӣ (1 ҷой)-и факултети муносибатҳои байналхалқӣ, таърихи халқи тоҷик (2 ҷой), таърихи нав ва навини кишварҳои хориҷӣ (1 ҷой)-и факултети таърих, ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ (1 ҷой), криминалистика ва фаъолияти

экспертизаи судӣ (2 ҷой), ҳуқуқи наклиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ (1 ҷой), ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ (1 ҷой), ҳуқуқи конститутсионӣ (2 ҷой), ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия (1 ҷой), ҳуқуқи байналхалқӣ (1 ҷой)-и факултети ҳуқуқшиносӣ, психология (2 ҷой), сотсиология (1 ҷой), диншиносӣ (1 ҷой), таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоӣ (2 ҷой), равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон (1 ҷой)-и факултети фалсафа, технологияи фарматсевтӣ ва фармакология (1 ҷой), фармакогнозия (1 ҷой), химияи фарматсевтӣ ва идоракунию иқисодиёти фарматсевтӣ (1 ҷой), ҷарроҳӣ (2 ҷой), терапия (2 ҷой), акушерӣ ва гинекологӣ (1 ҷой), ташхиси функсионалӣ ва лабораторияи клиникӣ (1 ҷой) ва кафедраҳои умумидонишгоҳии забони англисӣ (2 ҷой), назарияи иқтисодӣ (1 ҷой) (аз ҷумлаи омӯзгорони дорои дараҷаи илмии номзади илм);

2.4. вазифаи муаллими калони кафедра барои кафедраҳои технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ (1 ҷой)-и факултети механикаю математика, электроникаи физикӣ (2 ҷой), усули таълими физика (2 ҷой), метеорология ва климатология (1 ҷой), оптика ва спектроскопия (1 ҷой), мошинҳои ҳисоббарор, системаҳо ва шабакаҳо ( 1 ҷой), физикаи ҳаста (3 ҷой)-и факултети физика, химияи таҳлилӣ (1 ҷой), химияи татбиқӣ (2 ҷой), усули таълими химия (2 ҷой), химияи физикӣ ва коллоидӣ (1 ҷой), технологияи истеҳсолоти химиявӣ (2 ҷой), химияи органикӣ (2 ҷой), химияи ғайриорганикӣ (1 ҷой)-и факултети химия, физиологияи растаниҳо (1 ҷой), ботаника (1 ҷой)-и факултети биология, геология ва иктишофи конҳои канданиҳои фоиданок (1 ҷой), гидрогеология ва геологияи муҳандисӣ (1 ҷой), геология ва менеҷменти маъдану техника (1 ҷой)-и факултети геология, идоракунии молияи давлатӣ (2 ҷой), молия ва суғурта (2 ҷой), кори бонкӣ (2 ҷой), иқтисодиёти ҷаҳонӣ (2 ҷой), андоз ва андозбандӣ (2 ҷой)-и факултети молиявию иқтсодӣ, матбуот (1 ҷой), телевизион ва радиошунавонӣ (1 ҷой), забонҳои хориҷӣ (1 ҷой)-и факултети журналистика, методикаи таълими забон ва адабиёти рус (1 ҷой), забони русӣ (2 ҷой)-и факултети филологияи рус, филологияи Араб (1 ҷой), забонҳои хориҷӣ (2 ҷой), забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ (1 ҷой)-и факултети забонҳои Осиё ва Аврупо, забони адабии муосири тоҷикӣ (2 ҷой), таърихи забон ва типология (1 ҷой), муносибатҳои байналхалқӣ (2 ҷой), дипломатия ва сиёсати хориҷӣ (1 ҷой), минтақашиносии хориҷӣ (1 ҷой), мутолиоти шарқ (2 ҷой), мутолиоти аврупоӣ (1 ҷой)-и факултети муносибатҳои байналхалқӣ, таърихи нав ва навини кишварҳои хориҷӣ (1 ҷой), таърихи халқи тоҷик (1 ҷой), таърихнигорӣ ва архившиносӣ (1 ҷой), таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносӣ (1 ҷой)-и факултети таърих, ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ (3 ҷой), ҳуқуқи наклиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ (2 ҷой), ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ (2 ҷой), назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ (3 ҷой), ҳуқуқи конститутсионӣ (4 ҷой), ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ (2 ҷой), ҳуқуқи гражданӣ (1 ҷой), криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ (1 ҷой), ҳуқуқи ҷиноятӣ (1 ҷой), забони хориҷӣ (1 ҷой), ҳуқуқи байналхалқӣ (1 ҷой)-и

факултети ҳуқуқшиносӣ, психология (1 ҷой), сотсиология (2 ҷой), диншиносӣ (1 ҷой), таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоӣ (2 ҷой), кори иҷтимоӣ (1 ҷой), равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон (1 ҷой)-и факултети фалсафа, технологияи фарматсевтӣ ва фармакология (3 ҷой), фармакогнозия (1 ҷой), химияи фарматсевтӣ ва идоракунию иқисодиёти фарматсевтӣ (2 ҷой), ҷарроҳӣ (1 ҷой), терапия (1 ҷой), акушерӣ ва гинеколгӣ (1 ҷой), ташхиси функсионалӣ ва лабораторияи клиникӣ (1 ҷой), морфологӣ (1 ҷой), физиология ва анатомияи потологӣ бо тибби судӣ (2 ҷой), анатомияи одам (1 ҷой)-и факултети тиббӣ ва кафедраҳои умумидонишгоҳии забони англисӣ  (2 ҷой), назарияи иқтисодӣ (2 ҷой), тарбияи ҷисмонӣ (1 ҷой) (аз ҷумлаи омӯзгорони дорои дараҷаи илмии номзади илм ё собиқаи омӯзгории на камтар аз 5 сол дар Донишгоҳ);

3. Мухлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳо аз 24.11.2022 то 24.12.2022 муқаррар карда шавад.

4. Матни эълони озмун оид ба ишғоли вазифа барои чоп дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» ва нашрияи «Ба қуллаҳои дониш» пешниҳод карда шавад.

5. Раёсати таълим барои ба чоп пешниҳод намудани эълони озмун ва қабули ҳуҷҷатҳои омӯзгороне, ки дар озмуни ишғоли вазифа ширкат меварзанд, бо назардошти талаботи «Низомномаи кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомнома дар бораи ба таври озмун ишғол намудани вазифаҳои ҳайати профессорону омӯзгорони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ» ва «Тартиби интихоб ва бозхонди мудирони кафедраҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ» мувазаф карда шавад.

6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим Собирзода Н.М. вогузор карда шавад.

Раиси Шуро — Хушвахтзода Қ.Х.

Котиби Шуро — Солеҳзода Г.Д.